# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Зоирзода Холмурод Сафаралӣ** дар мавзуи «**Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 25 с.

Аз сарчашмаҳои муҳимму эътимодбахши забони тоҷикӣ, осори адабии адибони классикии форсу тоҷик аст, ки дар онҳо тамоми меъёрҳои луғавӣ, дастурӣ ва услубии забони мо ҳифз шуда меоянд. Тавассути онҳо мо на танҳо адаб меомӯзему маънавиёти худро ғанӣ мегардонем, балки забони тоҷикиро бо кулли назокату нафосату зебоиҳои дастурию луғавию устувориаш маърифат менамоем. Бинобар ин, таҳқиқи паҳлуҳои забонии осори классиконамон аз ҳар ҷиҳат мувофиқи матлаб мебошад. Мавлоно Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз зумраи адибонест, ки осори пурғановатеро аз худ ба мерос гузоштааст ва он барои ҳамаи риштаҳои илми суханшиносӣ, хосса филологияи забоншиносӣ маводи фаровони қобили мулоҳизаро фароҳам овардааст. Ин аст, ки дар забоншиносии тоҷик донишмандон ба осори мондагори Ҳусайн Воизи Кошифӣ таваҷҷуҳи вижа доранд ва паҳлуҳои забонии осори ин адиби номварро ба риштаи таҳқиқ мегиранд. Ба таҳқиқи забонӣ гирифтани осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз ҷониби Зоирзода Холмурод Сафаралӣ иқдоми шоиста ва саривақтӣ буда, метавонад бо мубрамию навгонияш саҳифаи тозаеро дар забоншиносии тоҷик боз намояд. Зеро то кунун дар забоншиносӣ пажуҳиши монографие дар мавзуи «**Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)**» таълиф наёфта буд. Аз ин рӯ, таълиф ёфтани пажуҳиши диссертатсионӣ аз тарафи муҳаққиқи мазкур қобили дастгирӣ мебошад.

Мутолиаи автореферати диссертатсияи мавриди назар нишон медиҳад, ки Зоирзода Холмурод Сафаралӣ ковишҳои зиёде намуда, дар заминаи маводи фаровони адабӣ ва илмӣ таҳқиқоти худро ба анҷом расонидааст. Аз рӯйи мундариҷаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки пажуҳиш аз муқаддима, се бобу понздаҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат мебошад.

Дар муқаддима диссертант мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуи илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ, методологӣ,

сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ мундариҷа ва сохтори диссертатсияро хеле ҷолибу бонизоми муайяни илмӣ ба пажуҳиш гирифтааст.

Аз ҷумла, дар боби нахустини диссертатсия **«Вомвожаҳои осори насрии Кошифӣ ва вижагиҳои забонии онҳо»,** ки се фаслу чор зерфасл дорад, асосан, дар хусуси «Вомвожаҳои арабӣ ва баъзе масоили назарии онҳо», «Вомвожаҳои арабӣ», «Қолибҳои вомвожаҳои арабӣ», «Вомвожаҳои арабии исмӣ», «Вомвожаҳои арабии зарфӣ» ва «Вомвожаҳои ғайриарабӣ» баҳс оростааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои луғавии вомвожаҳои осори насрии адиб»** номгузорӣ шуда, аз шаш фасл иборат мебошад. Дар фаслҳои ин боб қабатҳои луғавӣ ва семантикии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ баррасӣ шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои сохтории вомвожаҳои осори насрии адиб»** ном дорад ва ин боб низ дар шаш фасл фароҳам омадааст. Дар фаслҳои дахлдори ин боб, асосан, вижагииҳои дастурию сохтории осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Хулосаи таҳқиқот дар 15 банд ҷамъбаст шуда, ҳар яке аз онҳо натиҷагӣ ва дастовардҳои илмии фаслу бобҳои диссертатсияро бозгӯйӣ менамоянд.

Дар хилоли дастовардҳо дар матни автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки таъкиди онҳо дар корҳои баъдии диссертант пураҳамият хоҳад буд:

1. Дар фасли дахлдори боби аввал вомвожаҳои забонҳои нодир бо алифбои лотинӣ ва овонавишт пешниҳод мегардид, боз ҳам беҳтар мебуд (саҳ.14).

2. Дар таҳқиқот фасле доир ба вижагиҳои услубии вомвожаҳои арабӣ ҷудо мегардид ва ин паҳлуи масъала низ равшанӣ меёфт, беҳтар мебуд.

3. Дар ҷо-ҷои матни автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобат дида мешавад (саҳ. 4, 5, 7...).

Нукоти ислоҳталаб, ки ин ҷо зикр гардиданд, ҷузъию ночиз буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияро кам намекунанд.

Бо назардошти ин, диссертатсияи **Зоирзода Холмурод Сафаралӣ** дар мавзуи «**Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи**

**султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)»** кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ савовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
факултети филологияи тоҷики
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ,
деҳаи Шодоб, кӯчаи Якум, хонаи 63.
Тел.: (+992) 93-870-17-20.
E-mail: zobit@list.ru

«Имзои Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадовичро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 (37) 224-13-83; +992 (37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj.
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

«03» марти соли 2025